«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_______________Ғафурзода А.Д.
«08» сентябри 2023 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна дар мавзуи "Ҳифзи барномаи компютерӣ дар ҳуқуқи граждани", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна таҳқиқоти илмии анҷомёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар ҳуқуқи граждани бахшида шуда, муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва ҳалталаби илми ҳуқуқшиносӣ, яъне ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар муносибатҳои маданӣ бахшида шудааст.

Ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар байни объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ ҷои хоса дорад. Барномаи компютерӣ яке аз маҳсули серталаб дар ҷомеаи муосири иттилоотии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин таъмини ҳафзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ дар фазои муносибатҳои маданӣ зарур аст.

Аҳаммияти рушди техникӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳо ва ихтирооти навин дар истеҳсолот дар суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ таъкид гардидааст. Аз ҷумла дар Паёми

сарвари кишвар аз 26 декабри соли 2018 ба Маҷлиси Олӣ дар ин хусус чунин омадааст: «Таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад»

Маврид ба қайд аст, ки унвонҷуй дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба инкишофи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи барномаҳои компютерӣ саҳми назарраси худро гузоштааст. Ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

а) Муаммоҳои мавҷудаи танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва истифодаи чунин барномаҳо ошкору муназзам карда шуда (дар соҳаи қонунгузорӣ ва амалия) роҳҳоиислоҳи онҳо пешниҳод гардиданд;

- Шаклу тарзҳои хоссаи ҳифзи ҳуқуқи барномаҳои компютерӣ ошкор карда шуданд. Бартариву махсусиятҳои татбиқи шаклу тарзҳои мушаххаси ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар соҳаҳои ҷудогонаи хоҷагӣ ошкор ва асоснок карда шуданд;

- Мубрамтарин муаммоҳои истифодаи шаклу услубҳои ҳифзи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бо дарназардошти рушди дастовардҳои ҷаҳонӣ баррасӣ гардиданд.

- Татбиқи муносибати бисёртарафа ба барномаҳои компютерии дорои объектҳои серҷабҳа, таҳлил ва асоснок карда шудаанд;

- Навтарин тағйироту иловаҳои қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи барномаҳои компютерӣ мавриди таҳлил қарор дода шуда, муаммоҳои ҳуқуқию мураккабиҳои эҳтимолии татбиқи амалии навгониҳо ошкор карда шудаанд;

- Бо мақсади такмили танзими ҳуқуқии ҳифзи барномаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рушди минбаъдаи қонунгузорӣ тавсияҳову пешниҳодҳо ба тасвият расиданд (саҳ. 10).

б) бахши дигари муваффақияти диссертант аз он иборат аст, ки ба муносибатҳои маданӣ–ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ намуда, дар ин радиф барномаи компютерӣ ҳамчун объекти муносибатҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дида баромада шудааст. Қайд гардидааст, ки А. Абдуҷалилов масъалаи рушди назарияи муносибати ҳуқуқиро дар илми ҳуқуқ таҳлил карда, қайд менамояд, ки

имрӯз дар назарияи ҳуқуқ оид ба мафҳуми муносибати ҳуқуқӣ равияҳои мухталиф ҷой доранд (саҳ. 16).

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ консепсияи ҳифзи ҳуқуқи муаллифии барномаҳои компютерӣ мавқеи устувор пайдо кардааст, ки мувофиқи он барномаҳои компютерӣ баробари осори адабӣ ҳимоя мегардад ва ин ҳам дар доираи миллӣ, ҳам дар муоҳидаҳои байналмилалии бисёрҷонибаю дуҷонибаи баимзорасидаву ба имзо мерасида ба назар мерасад.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса баровардан мумкин аст, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳнӣ бо тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллифӣ ба барномаҳои компютерӣ мавқеи устуворро ишғол мекунад, аз ин рӯ барномаҳои компютерӣ ба осори адабии ҳифзшаванда ҳам дар сатҳи миллӣ ва ҳам дар сатҳи байналмилалӣ баробар аст, ки дар асоси шартномаҳои бисёрҷониба ва дуҷониба ифода ёфтааст.

Муқаррароти мафҳуми барномаҳои компютерии дар қонунгузории миллӣ истифодашаванда, дар умум низ бо муқаррарот оид ба ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон монанд аст ва дар аксари маврид чунин хонда мешавад: барномаи компютерӣ – ин маҷмуи дастур, маълумот ва фармонҳоест, ки барои кор кардани МЭҲ бо мақсади ба даст овардани натиҷае роҳандозӣ мешавад (саҳ. 43).

в) самти муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ ин баррасии барномаҳои компютерӣ ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқи маданӣ таъкид гардидааст, ки дар радифи дигар масъалаҳои дар ҷараёни таҳқиқи табиати ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бавуҷудоянда, масъалаи мавқеи барномаҳои компютерӣ дар байни объектҳои ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти хоса пайдо менамояд.

Муаллиф диққати худро ба таълимоти ҳуқуқӣ оид ба истилоҳ ва табиати моликияти зеҳнӣ зоҳир намудааст. Қайд гардидааст, ки таҳти моликияти зеҳнӣ, ҳуқуқи мадании муосир маҷмуи ҳуқуқҳои истисноии ҳам шахсӣ ва ҳам моликиятиро дар назар дорад, ки дар робита бо як қатор объектҳои ғайримоддӣ – натиҷаҳои фаъолияти зеҳнӣ, эҷодӣ ва воситаҳои инфиродӣ ба вуҷуд меоянд. Чунин таърифи моликияти зеҳнӣ дар моддаи 1235 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст (саҳ. 18).

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ муаллиф ба чунин хулосае омадааст, ки барномаҳои компютерӣ ба объектҳои моликияти саноатӣ наздиктар аст, онро мансуби объектҳои моликияти саноатӣ донистан лозим аст.

Мутобиқи таҳқиқоти илмии унвонҷуй объекти муносибатҳои маданӣ дар фазои интернет консепсияи плюралистии объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ қобили қабул аст (саҳ. 80).

г) Муаллиф дар таҳқиқи мавзуъ мавриди назар оид ба ҳифзи барномаи компютерӣ андешаҳои судманди илмиро манзур намудааст. Диссертант ишора менамояд, ки воситаҳои муомилоти ҳифзи мадании барномаҳои компютерӣ ин тарзу усулҳо (воситаҳо)-и дорои хусусияти ҳуқуқие мебошанд, ки барои татбиқи ҳуқуқҳои субъектҳои онҳо ба барномаҳои компютерӣ равона шуда, амнияти ин объектҳо ва ҳуқуқҳои қонунии онҳо аз ҳамлаҳои ғайриқонунии ашхоси дигар таъмин карда мешаванд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври қонунӣ ҳуқуқи муаллифӣ ба имконпазирии маҳрумсозӣ аз ҳуқуқ ба осори адабӣ ё намуди дигари асар мушаххасан муқаррар карда шудааст ва тавассути шартнома дар бораи маҳрумсозӣ аз ҳуқуқи мустасноӣ татбиқ карда мешавад. Ғайр аз он, ба сифати воситаҳои муомилотии ҳуқуқи маданӣ доираи васеи шартномаҳои маданӣ, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, метавонанд ҳамчун воситаҳои муомилоти маданӣ амал кунанд, ба шарте ки мавзуи воситаи мазкур барномаҳои компютерӣ бошанд (саҳ. 20).

ғ) масъалаи дигари назарраси таҳқиқоти диссерасионӣ ин ҳифзи ҳуқуқи патентии барномаҳои компютерӣ ба ҳисоб меравад. Муаллиф ишора менамояд, ки объектҳои ишорашуда, ба ғайр аз унсурҳои мазкур, бояд инчунин меъёрҳо ба мисли навоварӣ, дараҷаи ихтироъкорӣ ва татбиқпазирии саноатӣ низ дошта бошанд. Агар ба ҳисоб гирем, ки мафҳумҳои «навгонӣ» ва «ноякинӣ» каму беш равшану возеҳ буда, ба дарки пурра ниёз надошта бошанд, мафҳумҳои «татбиқпазирии саноатӣ» бояд ба муфассал баррасӣ гардад. Ҳамин тавр, аз ҳама қисмҳои барномаи компютерӣ, фақат интерфейси корбар ба объектҳои патентӣ наздиктар аст, вале он ҳам патентпазир шуда наметавонад. Азбаски қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти патентонии объектҳоро, ки қисми ҷудонашавандаи он барномаи компютерӣ мебошад, истисно намекунад, баррасӣ ва таҳлили ин объектҳо ва хусусиятҳои патентонии онҳоро мувофиқи мақсад меҳисобем.

Дар умум метавон хулосабарорӣ намуд, ки таҳқиқбаранда масъалаҳои гузошташударо оид ба ҳифзи барномаҳои компютерӣ мақсаднок таҳлил намуда, нуктаҳои муҳими илмиеро пешниҳод намудааст, ки барои илми ҳуқуқшиносии маданӣ ва ватанӣ аҳаммияти калони назариявию амалӣ доранд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масъалаи ҳифзи барномаҳои компютерӣ дар ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева М.Ё. дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада барои ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ дар самти ҳифзи барномҳои компютерӣ дар фазои муносибатҳои маданӣ истифода карда мешаванд. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки хулоса ва таклифу пешниҳодҳои дар он манзургардида метавонанд барои ҳалли як қатор масъалаҳои ҳуқуқи маданӣ, ки ба танзими муносибатҳои молумулкии шаҳрванд равона гардидааст, мусоидат намоянд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро вобаста ба масъалаи ҳифзи барномаҳои компютерӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои патентӣ истифода бурд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқот барои амалияи ҳуқуқтатбиқсозӣ ҷиҳати ҳифзи барномаҳои компютерӣ аҳаммияти калон доранд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар таҳқиқоти диссертатсионии Болтуева М.Ё. манзургардида дар хусуси инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифз ва истифодаи барномаҳои компютерӣ метавонанд дар омода намудани адабиёти таълимӣ ва таълимӣ-методӣ, инчунин чараёни таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи патентӣ, ҳифзи моликиятӣ зеҳнӣ, ҳуқуқи иттилоотӣ, ва навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ истифода бурда шаванд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад:

1. Дар навгонии 3 барномаи компютерӣ ҳамчун объекти муноисбатҳои маданӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки барномаи компютерӣ дар як вақт чун моли озод дар муомилоти маданӣ қарор дорад ва дар ҳолати истисноӣ, ҳамчун барномаҳои компютерӣ моли хусусияти хоса дошта ва унсури ҳатмии барои фаъолиятбарии компютер

зарур буда, баромад менамояд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар замони ҷой доштани воситаҳои техникаҳои иттилоотӣ барномаҳои компютерӣ тибқи ақидаҳои маъмул ҳамчун дигаргуншавии падидаҳои (сигналҳои) электронӣ ё худ объектҳои моддӣ баррасӣ мегардад. Вале, дар айни замон, шакли ифодаи сигнал (импулсҳои электромагнитӣ, импулсҳои шуоӣ, дигаргуншавии ҳама гуна бузургиҳои физикӣ) аз назар дур мемонад. Аз ин бар меояд, ки дар ин ҳолат танҳо ба мундариҷаи иттилооти ирсолшаванада муҳим аст, вале аҳаммияти сигналҳои такомули сигналҳо беэътибор мемонад. Ҳамин тавр, даромехтани сигналҳо чун категорияҳои мухобиротӣ ва чун категорияи физикӣ бо баррасии сигналҳои аз тарафи барномаҳои компютерӣ ба сифати объектҳои моддӣ коркардашаванда боиси зиддияти воқеӣ мегарданд. Барои роҳ надодан ба зиддияти сигналҳои бо ёрии барномаҳои компютерӣ коркардшаванда, мувофиқи мақсад аст, ки воҳидҳои мухобиротӣ ба сифати объектҳои ғайримоддӣ баррасӣ гарданд. Аз ин нуқтаи назар баррасӣ кардани сигналҳо имкон медиҳад, ки зиддиятҳои мазкур аз мавқеи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бартараф карда шаванд.

2. Дар тавсияи амалии муаллиф дар зербанди 1, банди 5, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ»-ро тавсияи амали қайд намудааст. Дар моддаи мазкур оварда шудааст, ки имкони бе розигии соҳиб дастрасии ахбори сирри тиҷоратидошта барҳам дода шавад, дар акси ҳол реҷаи махфият риоя нашуда ҳисобида мешавад; ахбори бидуни риояи реҷаи махфият бадастомадаро наметавонад ниҳоди сирри тиҷоратӣ ба ҳифз гирад. Дар он сурат интишори нусхаи барномаҳои компютерӣ ба таври худ соҳибҳуқуқро аз имкони паҳн кардани реҷаи сирри тиҷоратӣ дар матну алгоритм маҳрум месозад, зеро шахсони сеюм имкон пайдо мекунанд, ки вайронкорона матни асливу алгоритми барномаро дарёфт намоянд. Ҳамзамон қонуни номбаршуда дар банди 4, моддаи 4 имкони ғайриқонуниву бо роҳи бартараф сохтани тадбироти андешидаи соҳибони ҳифзи барнома ба даст овардани мухобироти дорои сирри тиҷоратиро пешбинӣ менамояд. Аз ин бармеояд, ки усули ба даст овардани мухобирот аз нуқтаи назари қонун ва оқибатҳои ҳуқуқӣ фарқ дорад. Ҳамин тавр, зиддияте ба назар мерасад, яъне қонун иҷозат намедиҳад, ки реҷаи сирри тиҷоратии мухобирот, ҳама гуна дастрасии манънашуда паҳн гардад, вале дар айни замон, ҳамин қонун таъкид мекунад, ки мухобироти сирри тиҷоратидоштаро ба таври ғайриқонунӣ дастрас кардан мумкин аст. Зиддияти зайлро чунин бартараф кардан

зарур буда, баромад менамояд. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки дар замони ҷой доштани воситаҳои техникаҳои иттилоотӣ барномаҳои компютерӣ тибқи ақидаҳои маъмул ҳамчун дигаргуншавии падидаҳои (сигналҳои) электронӣ ё худ объектҳои моддӣ баррасӣ мегардад. Вале, дар айни замон, шакли ифодаи сигнал (импулсҳои электромагнитӣ, импулсҳои шуоӣ, дигаргуншавии ҳама гуна бузургиҳои физикӣ) аз назар дур мемонад. Аз ин бар меояд, ки дар ин ҳолат танҳо ба мундариҷаи иттилооти ирсолшаванада муҳим аст, вале аҳаммияти сигналҳои такомули сигналҳо беэътибор мемонад. Ҳамин тавр, даромехтани сигналҳо чун категорияҳои мухобиротӣ ва чун категорияи физикӣ бо баррасии сигналҳои аз тарафи барномаҳои компютерӣ ба сифати объектҳои моддӣ коркардашаванда боиси зиддияти воқеӣ мегарданд. Барои роҳ надодан ба зиддияти сигналҳои бо ёрии барномаҳои компютерӣ коркардшаванда, мувофиқи мақсад аст, ки воҳидҳои мухобиротӣ ба сифати объектҳои ғайримоддӣ баррасӣ гарданд. Аз ин нуқтаи назар баррасӣ кардани сигналҳо имкон медиҳад, ки зиддиятҳои мазкур аз мавқеи ҳуқуқии барномаҳои компютерӣ бартараф карда шаванд.

2. Дар тавсияи амалии муаллиф дар зербанди 1, банди 5, моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ»-ро тавсияи амали қайд намудааст. Дар моддаи мазкур оварда шудааст, ки имкони бе розигии соҳиб дастрасии ахбори сирри тиҷоратидошта барҳам дода шавад, дар акси ҳол реҷаи махфият риоя нашуда ҳисобида мешавад; ахбори бидуни риояи реҷаи махфият бадастомадаро наметавонад ниҳоди сирри тиҷоратӣ ба ҳифз гирад. Дар он сурат интишори нусхаи барномаҳои компютерӣ ба таври худ соҳибҳуқуқро аз имкони паҳн кардани реҷаи сирри тиҷоратӣ дар матну алгоритм маҳрум месозад, зеро шахсони сеюм имкон пайдо мекунанд, ки вайронкорона матни асливу алгоритми барномаро дарёфт намоянд. Ҳамзамон қонуни номбаршуда дар банди 4, моддаи 4 имкони ғайриқонуниву бо роҳи бартараф сохтани тадбироти андешидаи соҳибони ҳифзи барнома ба даст овардани мухобироти дорои сирри тиҷоратиро пешбинӣ менамояд. Аз ин бармеояд, ки усули ба даст овардани мухобирот аз нуқтаи назари қонун ва оқибатҳои ҳуқуқӣ фарқ дорад. Ҳамин тавр, зиддияте ба назар мерасад, яъне қонун иҷозат намедиҳад, ки реҷаи сирри тиҷоратии мухобирот, ҳама гуна дастрасии манъношуда паҳн гардад, вале дар айни замон, ҳамин қонун таъкид мекунад, ки мухобироти сирри тиҷоратидоштаро ба таври ғайриқонунӣ дастрас кардан мумкин аст. Зиддияти зайлро чунин бартараф кардан

мумкин аст, ки зербанди 1, банди 5, моддаи 10–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» на ба сарфи назар кардани ҳама гуна дастрасӣ, балки ба дастрасии озоди ахбороти сирри тиҷоратидошта дахл дорад. Аз ин ҷост, ки мутобиқан вобаста аз гуфтаҳои боло ба чунин хулосаҳо омадан мумкин аст:

– интишори озоди нусхаҳои барномаҳо соҳибҳуқуқро аз имкони барқарор намудани реҷаи сирри тиҷоратӣ ба асли матн ва алгоритми онҳо маҳрум намесозад;

– зарур аст, ки таърифи зербанди 1, банди 5, моддаи 10–и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» чунин тағйир дода шавад: «1) дастрасии озод ба ахбороти сирри тиҷоратӣ дошта барои ҳама шахс бе ризоияти соҳиби он манъ карда мешавад».

Дар ин қисмат метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо назардошти нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ навгонии илмӣ ба ҳисоб мераванд, лоиқ ба дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:**

1. Зарурият ва аҳаммияти илмии навгонии якуми кори диссертатсионӣ норавшан аст. Муаллиф дар ин навгонӣ муносибати ҳуқуқиро ҳамчун “шарти ҳаракати усули мушаххасгардонӣ ва воситаи алоқамандсозии робитаҳои ҷамъиятӣ” муайян кардааст ва аломатҳои хоси онро дарҷ намудааст. Дар илми ҳуқуқшиносӣ маълум аст, ки муносибатҳои ҳуқуқӣ дорои аломатҳои хоси худ мебошанд аз лиҳози доштани доираи ашхоси муайян, бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешаванд ва ғ. Аз ин рӯ, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки андешаи худро дар ин хусус ҳангоми ҳимояи ошкорои диссертатсия манзур намояд (саҳ. 13).

2. Муаллиф дар зербоби 1.3. рисолаи худ ҷонибдори он аст, ки барномаҳои компютерӣ ба объекти ҳуқуқи муаллифӣ мансуб набуда, айнан маҳсули соҳаи моликияти зеҳнӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки ҳуқуқи муаллифӣ яке аз институтҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ҳисоб рафта, механизми ягонаи ҳуқуқии ҳифзи барномаҳои компютериро ташкил медиҳанд, зеро, ки ҳама объетҳои ҳуқуқи муаллифӣ объектҳои ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ба ҳисоб мераванд. Хоҳиш карда мешавад, ки диссертант мавқеи худро дар ин бобат баён намояд.

3. Муаллифи рисолаи илмӣ дар яке аз пешниҳодҳои худ қайд мекунад, ки барои ҳалли мушкилоти ҷой дошта, қонуни алоҳида барои

танзими барномаҳои копютерӣ қабул карда шавад, вале муаллиф маълумоти пурра дар бораи номи қонун ва сохтори он пешниҳод накардааст. Аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки андешаи худро дар ин масъала баён намояд.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Болтуева Машҳурахон Ёқубовна ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 - ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар семинар иштирок доштанд 10 нафар: тарафдор – 10 нафар, муқобил – бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №6 аз 5 сентябри соли 2023.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Раупова М.Т., доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд 9 нафар: тарафдор – 9 нафар, муқобил – бетараф нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти №1 аз 6 сентябри соли 2023.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
мудири кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **П.И. Мирзоев**

**Ташхисгар:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқ ва
ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **М.Т. Раупова**

**Котиби ҷаласа:**
дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ **Д.А. Олимзода**

**Имзои Мирзоев П.И., Раупова М.Т.,**
**Олимзода Д.А. -ро тасдиқ мекунам:**
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Ш.Б. Ҳамидов**

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.